Мо дар замоне ки Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар миёнамон буд, закоти фитр мебаровардем. Онро аз ҳар хурду бузург, озод ё ғулом, як соъ аз хӯрок, ё як соъ аз қатиқ (қурут), ё як соъ аз ҷав, ё як соъ аз хурмо, ё як соъ аз мавиз

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Мо дар замоне ки Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар миёнамон буд, закоти фитр мебаровардем. Онро аз ҳар хурду бузург, озод ё ғулом, як соъ аз хӯрок, ё як соъ аз қатиқ (қурут), ё як соъ аз ҷав, ё як соъ аз хурмо, ё як соъ аз мавиз медодем. Мо ҳамеша онро ҳамин тавр мебаровардем, то ин ки Муовия ибни Абӯсуфён (разияллоҳу анҳу) ба назди мо омад — барои ҳаҷ ё умра — ва бар минбар бо мардум сухан гуфт. Аз ҷумлаи суханонаш ин буд, ки гуфт: Ман чунин мебинам, ки ду муд аз гандуми Шом баробари як соъ аз хурмо аст. Пас мардум ба ин амал карданд. Абусаъид гуфт: Аммо ман то даме ки зиндаам, ҳамеша онро ҳамон тавре мебарорам, ки қаблан мебаровардем.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Мусалмонон дар замони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва баъд аз он дар замони хулафои рошидин закоти фитрро аз хурду бузург миқдори як соъ аз таъом мебаровардаанд. Хӯроки онҳо ҷав, мавиз (ангури хушк), қатиқи хушкшуда (қурут) ва хурмо буд. Миқдори як соъ чаҳор муд аст ва як муд баробар аст ба пурии ду кафи дастони марди миёнаҳаҷм. Вақте ки Муовия (разияллоҳу анҳу) ҳамчун халифа ба Мадина омад ва гандуми шоми бештар шуд, ӯ дар минбар гуфт: Ба назари ман ду муд аз гандуми Шом (ним соъ) баробар ба як соъ хурмо аст. Мардум ба ин амал карданд. Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) гуфт: Аммо ман то даме ки зиндаам ҳамеша онро ҳамон тавре мебарорам, ки дар замони Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мебаровардем.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4454